# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст.**

Бо автореферати диссертатсия шинос шуда, қайд кардан ҷоиз аст, ки дар диссертатсияи Ҳакимзода М.М. масъалаҳои калидиву мубрами ташкил, ташаккул ва такмили рушди устувори комлекси озуқаворӣи минтақа дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун унсури муҳимтарини сиёсати иқтисодии минтақа дар самти таъмини тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар аз ҷумла вилояти Суғд дар маҷмӯъ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дуруст қайд шудааст, ки  аз соли 2006 таъмини “Амнияти озуқаворӣ” ҳамчун ҳадафи стратегии давлат эълон карда шуда, то ҳоло амалӣ шуда истодааст. Дар мамлакат вобаста ба ин, ҳуҷҷати мақсаднок «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои то соли 2030» қабул карда шуда буд. Барномаи мазкур бо мақсади давом додани ислоҳоти аграрӣ, таъминоти шароитҳои мусоид барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ, баланд намудани маҳсулнокӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, истифодабарии самараноки об ва энергия, рушди устувор, баланд намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва амнияти озуқаворӣи мамлакат коркард шудааст мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо нишон додааст, ки механизмҳое, ки дар таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣи вилояти Суғд нақши асосиро мебозад. Барои амалӣ намудани механизми мазкур; дастгирии давлатии корхонаҳои кишоварзӣ; беҳтар гардонидани инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ дар деҳот; баланд бардоштани музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ; ташаккулёбии муҳити ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидори  комплекси озуқаворӣ; ташкили бозори яклухти озуқаворӣ; сиёсати дастгирии нархии маҳсулоти комплекси озуқаворӣ; ҳамкории илм бо истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ; равнақ додани фаъолияти бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ зарур мебошад.

Докторант қайд менамояд, ки таъмини шароит барои рушди устувори комплекси озуқаворӣ, ғанигардонии бозори минтақа бо маҳсулоти озуқаворӣи рақобатпазири коркарди пурра ва таъминоти

амнияти озуқаворӣ дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ масъалаи муҳим арзёбӣ меёбад. Вазъиятҳои номбурда оид ба муҳиммият ва саривақтии интихоби мавзуи таҳқиқот шаҳодат дода, бо асосноккунии дурнамои рушди соҳаҳои комплекси озуқаворӣ ва коркарди самтҳои сиёсати агроозуқаворӣ дар ҷодаи таъминоти озуқавории вилоят алоқамандии зич доранд. Таҳқиқоти мазкур аҳамият ва мубрамияти мавзуи илмии интихобшударо асоснок менамояд.

Муаллиф дар расми 9, саҳифаи 42 авротереферат қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқот, чунин афзалиятҳои инкишофи иқтидори захиравии вилояти Сугдро дар шароити сиёсати воридотивазкунӣ ҷудо намуда, дар байни механизмҳои асосии танзими давлатии иқтидори захиравии маҷмааи агросаноатӣ самтҳои онро нишон дода шудааст, ки боиси дастгири мебошад.

Ҳамчунин докторант мунсифона қайд кардааст, ки яке аз вазифаи зарурӣ таъминоти амнияти озуқавории мамлакат мебошад. Барои ин, ҳадаф такомули механизмҳои ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори озуқавории дохилӣ аз маҳсулоти воридотӣ дар назар дошта шудааст, ки бо ҳаҷми зарурӣ истеҳсол карда мешаванд. Ҳамзамон бояд пояи меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба таъсиси шароити мусоид барои содироти озуқаворӣ кор карда шуданаш лозим аст (бе коҳиш додани таъминоти бозори дохилӣ).

Дар робита бо ин нукта, зарурати рӯзафзуни таҳқиқот ва таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа, муайян кардани роҳҳои такмили он ба миён меояд. Ин зарурат ҳам барои пиёда кардани ҳадафи ташаккули сиёсати таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар дар маҷмӯъ, ва ҳам барои ғанӣ гардонидани асосҳои илмии муаммои мазкур, бо назардошти вижагиҳои миллӣ, таҷрибаи андӯхтаи дохили ва хориҷи кишвар ва мақомоти давлатӣ дар доираи вазъи ба миёномадаи иқтисодиву сиёсии мамлакат ҷой дорад.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, муаллиф мақсаду вазифаҳои кори диссертатсиониро дуруст тарҳрезӣ намудааст. Дар рафти иҷрои вазифаҳои кори диссертатсионӣ як қатор масъалаҳои назариявию амалии соҳаи пажӯҳиш ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд. Таҳлилҳои сершумори комплекси озуқавории кишвар барои мукаммал гардонидани натиҷаҳои таҳлил мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар ин асос дар бобати рушди устувори онҳо дар минтақа хулосабарорӣ карда шудааст. Барои ташаккули хулосаи илмӣ аз рӯи мавзӯи тадқиқот, аз ҷониби муаллиф таҳлили фарогири

нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии комплекси озуқаворӣ гузаронида шудааст. Маҳз ҳамин равиши таҳлил ба муаллиф имкон додааст, ки вазфиҳои дар замони муосир хеле муҳими рушди устувор дар минтақаҳои кишварро муайян карда тавонад.

Бо вуҷуди бартариятҳо ва натиҷаҳои назаррасп илмӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Ин камбудиҳо аҳаммияти илмию амалии кори илмиро паст накунанд ҳам, аммо барои мукаммал кардани натиҷаҳои таҳқиқот, бояд ислоҳ карда шаванд. Камбудиву костагиҳои бештар бо таҳрири на он қадар саҳеҳи матни автореферат вобаста буда, дар баъзе қитъаҳои матн донистa гирифтани мазмуни марказии он мушкил мегардад.

Камбудии номбаршуда ва гузашта аз он мавҷуд будани масъалаҳои баҳсталаб дар автореферати диссертатсия, аз назари мо, барои баҳои сазовор додан ба кори илмии Ҳакимзода М.М. халал намерасонад. Мо ба мазмуни матни автореферат баҳои умумии мусбӣ дода, онро таҳқиқоти ҷиддии илмӣ меҳисобем, ки натиҷаҳояш дорои унсурҳои навгонии илмӣ низ мебошанд.

Хулоса ва тавсияҳои аз ҷониби муаллиф  ироагардида барои такомули минбаъдаи ташаккулу рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа ва ҳамчунин барои ғанӣ гардонидани пойгоҳи таҳқиқотиву фаъолияти педагогӣ аҳамияти воқеӣ дошта метавонанд.

Автореферати диссертатсияи Ҳакимзода М.М. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, директори
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Бобозода К.О.

Имзои К.О. Бобозодаро- ро тасдиқ  менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
ИИД АМИТ Мақсудшоева З.Д.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6А
Телефон/Fax: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65 Fax: +992 (37) 221-67-50
Суроғаи электронӣ: info@ied.tj

11 __10__ соли 2025